[60] Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин [Электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/cedaw.shtml (дата обращения: 25.02.2019 г.)

[61] Конвенция о политических правах женщины [Электронный ресурс]. URL: http://www.owl.ru/win/docum/un/pol_con.htm (дата обращения: 25.02.2019 г.)

[62] Конвенция о правах ребенка [Электронный ресурс]. URL: http://www.owl.ru/win/docum/un/convent.htm (дата обращения: 25.02.2019 г.)

[63] Указ Президента Республики Таджикистан от 3 декабря 1999 года №5 "О повышении роли женщин в обществе". [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=10595&conttype=3

[64] Государственная Программа "Основные направления государственной политики по обеспечению равных прав и возможностей мужчин и женщин в Республике Таджикистан на 2001-2010 годы". [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=12883



Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»[65], «Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба таъмини ҳифзи саломатии модарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2014»[66], Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд»[67] барои солҳои 2007-2016, «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020»[68], «Барномаи давлатии ҷиҳати омӯзиши мутахассисони занҳо ва пешбурди фаъолияти онҳо барои солҳои 2012-2015»[69] қабул гардидаанд.

Фаъолнокии иштироки занони тоҷик дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии Тоҷикистони муосир барои ҳифзи манфиатҳои худ ва пешрафти минбаъдаи онҳо дар сохторҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад. Рушди ин раванд дар равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дошта, барномаи мубрамро барои соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҳаёти ҷомеа таҳия месозад.

Таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки масъалаи иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаранд, хеле васеъ ва бисёрқутба мебошад. Диққати бештар дар корҳои нашргардида оид ба масъалаҳои нобаробарии гендерӣ дар ҷомеа, махсусан дар ҷомеаҳои анъанавӣ ба мисли Тоҷикистон, гузоштани масъалаи мунтазамгардонии иҷтимоиву меъёрӣ ва сиёсиву ҳуқуқии он имкон медиҳад, ки муҳимият ва зарурати таҳқиқоти мавзӯи интихобшудаи диссертатсия равшантар баррасӣ гардад.

[65] Закон Республики Таджикистан от 1 марта 2005 г., № 89 "О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации". [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=6027&conttype=2

[66] Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 августа 2008 года №370 "Об утверждении Национального плана мероприятий по обеспечению безопасного материнства в Республике Таджикистан на период до 2014 года". [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=13635

[67] Государственная Программа "Воспитание, подбор и расстановка руководящих кадров Республики Таджикистан из числа способных женщин и девушек на 2007-2016 годы" 1 ноября 2006 года № 496 [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=10132

[68] Постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 мая 2010 года, № 269 "О Национальной стратегии активизации роли женщин в Республике Таджикистан на 2011-2020 годы". [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=15497#A3V00N4UOO

[69] Государственная программа подготовки специалистов из числа женщин и содействия их занятости на 2012 - 2015 годы от 1 марта 2012 года, №92. [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=116372

Ҳамзамон азназаргузаронии корҳои илмии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ роҷеъ ба ин мавзӯъ ба дараҷаи таҳияи ғайрикофии он, аз ҷумла омӯхта нашудани масъалаи роҳбарии сиёсии занон дар Тоҷикистон ишора мекунад.

Ҳамин тариқ, ин ва дигар омилҳо ба мо имкони муқаррар кардани таҳлили ҳамаҷонибаи проблемаи иштироки занонро дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода, он бояд бо дарназардошти гуногунии таҷрибаи ҷаҳонии омӯзиши ҷанбаҳои гендерӣ дар сиёсат, аз ҷумла ҳалли масъалаи роҳбарии иҷтимоиву сиёсии занон ҳамчун қисми татбиқи сиёсати ба ҳадафрасии рушди устувори давлат гузаронида шавад. Ин ҳолат боз як далели дигар ба фоидаи муҳиммияти мавзӯи интихобшуда ҳамчун объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

**Дараҷаи омӯзиши масъала.** Масъалаи иштироки занон дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди ҳама маъруфии таҳқиқоти гендерии гузаронидашуда, он ҳанӯз ҳам ба қатори кам омӯхташудаҳо дохил мешавад. Аз ҷониби олимони Тоҷикистон асосан ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва назариявии баробарии гендерӣ дар соҳаҳои мухталифи ҷомеаи миллӣ баррасӣ гардидааст, ки аз зарурати фаъолгардонии иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ дар шароити рушди устувори ҷомеаи демократӣ шаҳодат медиҳад.

Барои иҷроиши пурраи масъалаҳои илмию таҳқиқотии диссертатсия ва ба таври дуруст нишон додани тартиби таҳлил адабиёти илмии мавҷудбударо, мутобиқи самтҳои асосӣ ва масъалаҳое, ки дар онҳо баррасӣ шудаанд, метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

**Гурӯҳи якумро** асарҳои илмии олимони рус ташкил медиҳанд, ки онҳо ба омӯзиши масъалаҳои иштироки баробари занон ва мардон дар равандҳои иҷтимоию сиёсии ҳаёти ҷомеа бахшида шудаанд. Масъалаи моҳият ва роҳу воситаи аз байн бурдани нобаробарии гендерӣ дар асари С.Г. Айвазова[70] таҳқиқ гардидааст.

Дар таҳқиқоти С.Г. Айвазова бо дарназардошти масъалаҳои гендерӣ моҳият ва ҳолати муносибатҳои иҷтимоӣ дар замони шӯравӣ, ташаккулдиҳии баробарҳуқуқии гендерӣ, табдил додани имкониятҳои нобаробар ба воқеияти иҷтимоию сиёсии фаъолнокии занон ва мардон, хусусиятҳои худтатбиқкунии гендерӣ дар ҷомеа, ки зери таъсири омилҳои идеологӣ ташаккул меёбанд. Ин ҷо инчунин таҳлили нобаробарии гендерӣ дар равандҳои иҷтимоию сиёсии давраи пасошӯравӣ низ пешниҳод мегардад.

[70] Айвазова С.Г. Гендерное равенство в контексте прав человека. – М., 2001. – 80 с.



Л.Л. Хопёрская[71] сиёсатшиносии гендериро самти нави илмҳои сиёсӣ дониста, онро бо сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодиёти сиёсӣ ва сиёсатшиносии институтсионалӣ наздик медонад.

Мусаллам аст, ки таҳқиқи масъалаҳои гендерии фаъолнокии иҷтимоию сиёсии занон таҳлили гендерии қонунгузории баъзе давлатҳоро низ пеш гузошт. Таҳлили гендерии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, фишангҳои дар амал татбиқ намудани баробарии гендерӣ, инчунин хусусиятҳои коркарди онҳо дар асарҳои Л.Н. Завадская[72] пешниҳод гардидаанд.

Е.В. Кочкина[73] аз лиҳози гендерӣ ва бо дарназардошти нақши занон дар равандҳои сиёсӣ тағйирдиҳии системаҳои сиёсиро баррасӣ намудааст.

С.В. Поленина[74] ба масъалаи ҳуқуқи занон дар низоми ҳуқуқҳои инсон таваҷҷуҳ намудааст. Муҳиммияти ин таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ омилҳои миллӣ ва байналмилалии ин масъаларо қиёс намудааст. Бояд гуфт, ки дар самти баррасии омилҳои миллӣ ӯ таҷрибаи Россияро ба инобат гирифтааст.

Гурӯҳи дуюми таҳқиқотҳоро асарҳои илмии олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Арзиши илмии асари М.К. Ғафоров[75] дар он ифода меёбад, ки ӯ ҳамчун яке аз асосгузорони мактаби омӯзиши нақши занон дар тарзи анъанавии пешбурди ҳаёт, симои маънавии занони Шарқи Шӯравиро баррасӣ намудааст.

Р.А. Набиева[76], ки дар илмҳои таърих дар маҷмӯъ ва дар омӯзиши илмии нақши занон дар Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст, нақши занон дар ҷомеа, мавқеи занони Тоҷикистон дар мубориза барои

[71] См.: Новые направления политической науки: Гендерная политология. Институциональная политология. Политическая экономия. Социальная политика. – М., 2007.
[72] Завадская Л.Н. Гендерная экспертиза российского законодательства. – М., 2001;
[73] Кочкина Е.В. Гендерная реконструкция политических систем. - СПб.: ИСПГ-Алетея, 2003. - 991 с.
[74] Поленина С.В. Права женщин в системе прав человека: международный и национальный аспект. – М., 2000;
[75] Гафарова М.К. Духовный облик женщин Советского Востока. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 207 с.
[76] Набиева Р.А. Роль женщин в обществе. – Душанбе, 1999.- 364 с.; Набиева Р.А. Женщины Таджикистана в борьбе за социализм. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 276 с.Её же. Положение женщины Таджикистана до и после Великого Октября. – Душанбе, 1982. – 100с.; Набиева Р., Зикриёева М. Женщины Таджикистана в ВОВ. – Душанбе, 2010. – 108 с.

сохтани сотсиализм, вазъи занони Тоҷикистон то Инқилоби Октябр ва баъд аз он ва ғайраҳоро ба таври амиқ омӯхтааст.

Г.А. Атинбекова[77] иштироки сиёсиро аз лиҳози гендерӣ баҳогузорӣ намудааст. Муаллиф оид ба таҳлили масоили занон консепсия ва роҳу усулҳои навро пешниҳод намудааст.

Аҳамияти кори илмии С.М. Шарипов[78] бошад дар он ифода меёбад, ки дар ин таҳқиқот хизматҳои занони Тоҷикистон дар шароити иҷтимоию таърихии даҳсолаи аввали солҳои истиқлолият баррасӣ гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки занони ҷумҳури дар солҳои душвори 1991-2001 дар қатори дигар қишрҳои ҷомеа сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуда, иштирокчиёни фаъоли раванди созандагии сохтмони давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд маҳсуб меёфтанд.

Профессор М.У. Хидирзода[79] дар асарҳои худ падидаи ниҳоди сарвариро дар шароити дигаргуншавии ҷомеа, хусусиятҳои рафтори сиёсӣ, нақши сарчари сиёсӣ дар маҷмӯъ ва нақши сарварии занон дар раванди идоракунии давлатиро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Профессор Р.Ш. Нуриддинов[80] дар асарҳои худ масъалаи нақши занон дар дипломатия ва дар хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намудааст. Чи гунае, ки ин олим қайд менамояд,

---

[77] Алтынбекова Г.А. Гендерное измерение политического участия: новые концепции и подходы // Евразийское сообщество: общество, политика, культура. – 1999. – №2. – С.69-80.

[78] Шарипова С.М. Женщины Таджикистана в новых социальноисторических условиях первого десятилетия независимости(1991-2001гг.): автореф. дис. … канд. ист. наук. – Худжанд, 2007. – 20с.

[79] Хидирзода М.У. Институт лидерства в контексте трансформационного общества. Душанбе, 2008; Хидирзода М.У. Политическое поведение и его особенности. Душанбе, 2007; Хидирзода М.У. Лидерство и управление. Душанбе, 2018.

[80] Нуриддинов Р.Ш. «Вдохновитель национального ренессанса». (Статья), Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. - 2016. - № 3/1(194). - С. 8-14; Нуриддинов Р.Ш., Нуриддинов П.Р. Дипломатия, Душанбе : «ЭР-граф», 2017 – 576; Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ. Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 340с. Нуриддинов Р.Ш., Нуриддинов П.Р. Геополитика. (на русск. яз.). Душанбе : «Эр-граф», 2016. 352 с; Нуриддинов Р.Ш., Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. (Мировая политика). Учебное пособие (на тадж. яз.), Душанбе : «Андалеб-Р», 2016 – 352; Нуриддинов Р.Ш. Послание Лидера нации, Президента Республики Таджикистан как форма выражения развития страны (Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун шакли ифодаи сиёсати рушди кишвар.на таджикском языке). Таджикистан и современный мир. Душанбе. № 2(52), 2016. С. 25-31.



баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ занон мансабҳои муҳимми давлатиро ишғол намуда, ба таври фаъол сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Тоҷикистони соҳибистиқлолро пеш бурдаанд.

Саҳми А.А. Қуватов ва М.Хегай[81] дар омӯзиши масъалаи занони Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас мебошад. Ин муаллифон дар асарҳои худ сиёсати гендериро ҳамчун фарҳанги иҷтимоии ҷомеа муаррифӣ намудаанд. Дар таҳқиқоти онҳо нақши занон дар оила, дар кору фаъолият ва дар сиёсат баррасӣ гардида, масъалаҳои гендерии Тоҷикистон дар солҳои 1995-2003 таҳқиқ шудаанд.

Бешубҳа, масъалаҳои назариявию амалии гендерология, таносуби масъалаи мазкур бо арзишҳои ҷамъиятӣ, дихотомияи замони муосир ва ҷомеаи анъанавӣ аз лиҳози баробарҳуқуқии занон ва мардон бо шарофати асарҳои А.А. Қуватов ва М.Хегай ҷолиби диққат гардидаанд.

Онҳо инчунин ба масъалаҳои нақши занон дар давраи гузариш, масъалаи зӯроварӣ нисбат ба занон, мавқеи иҷтимоию иқтисодии занон дар оилаи муосири тоҷик, мактаби сарварии сиёсии занон, вазъияти гендерӣ дар сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳоро таҳлилу баррасӣ намудаанд.

Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт дар таҳқиқоти Г.С. Азизқулова[82] ва А.Маликова[83] омӯхта шудаанд. Дар таҳқиқоти муаллифон масъулияти ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқию оилавӣ дар давраи гузариш мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

---

[81] Куватова А., Хегай М. Гендер и культура. Душанбе: Информационное агентство «Азия-плюс», 1999; Современная женщина в семье, на работе и в политике: гендерный аспект. – Душанбе, 1998; Куватова А. Исследование гендерных проблем в Таджикистане в 1995-2003 гг. // Гендерные исследования. Центральноазиатская сеть [электронный ресурс]. URL: http://d1019822.idhost.kz/site03/social/s26.php; Куватова А.А., Хегай М.Н. Женщина в переходный период // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – 1997. – №1; Насилие над женщиной. Пилотное обследование, проведенное ВОЗ в 1999 г. в Таджикистане. Рабочий документ к Семинару по проблеме «Насилие над женщиной в Таджикистане». 29-30 марта 2000 г. – Душанбе, 2000; Хегай М.Н. Социально-экономический статус женщины в современной таджикской семье: гендерный аспект // Общественное мнение и социальная трансформация общества. – Душанбе, 1997; Хегай М.Н. Отчеты о результатах гендерного исследования в Кофарнихонском и Айнинском районах в 1997-1998 гг. // Бюро «Женщины в развитии». – Душанбе, 1998; Его же. Женская школа политического лидерства. Руководство тренера. – Душанбе, 1999; Его же. Анализ гендерной ситуации в сфере политики в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2005. – 170 с.

[82] Азизкулова Г.С. Юридическая и морально-правовая ответственность в семейно-правовых отношениях переходного периода // Государство и право. – 2007. – №2.

[83] Маликова А.Х. Сравнительное правоведение. Краткий учебный курс. – Душанбе, 2008.

Пӯшида нест, ки аз оғози солҳои 90-уми асри гузашта бо иштирок ва дастгирии созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор дастурамал ва коркардҳои консептуалие ташаккул дода мешаванд, ки ба масъалаи иштироки занон дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ, иштироки онҳо дар равандҳои сиёсии мамлакат бахшида шудаанд.

Қобили зикр аст, ки коркарди масъалаи таҳлили гендерӣ дар барномаҳои таълимӣ бори аввал дар асарҳои Т. Абдушукурова ва Т.Н. Бозрикова[84] матраҳ гардидаанд. Ин муаллифон масъалаи мазкурро бо дарназардошти нақши занони Осиёи Марказӣ дар таъмини сулҳу суботи минтақа баррасӣ кардаанд.

З. Исаева[85] таъмини баробарҳуқуқии гендериро бо роҳи ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, бекорӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ барои занон мавриди омӯзиш қарор додааст.

Г.Бобосодиқова[86] масъалаи ҳимояи ҳуқуқи занон ва Конститутсияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намудааст. Ӯ рушди конститутсионии Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро оид ба ҳимояи ҳуқуқи занон муқоиса намудааст.

Дар асарҳои Ш.Шоисматуллоев[87] низоми гендерӣ ҳамчун масъалаи сотсиологӣ дониста шудааст. Муҳиммияти корҳои илмии ин муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки дар онҳо вазъият ва тамоюлоти рушди низоми гендерӣ муайян карда шудаанд.

Бояд гуфт, ки масъалаи ҳуқуқу озодиҳои занон дар ҳуҷҷатҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби Тоҷикистон имзо гардидаанд, инчунин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти таҳқиқоти Г.Х. Шарипова[88] интихоб гардидаанд. Ӯ ҷиҳатҳои сиёсию ҳуқуқии уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсонро мавриди омӯзиш қарор дода, ба масъалаи ҳуқуқи занон

[84] Абшукурова Т.Р., Бозрикова Т.Н. Гендерные проблемы в сфере образования // Женщины Центральной Азии за мир и стабильность. –Худжанд, 2000. – С.32-41.

[85] Исаева З. Занятость. Безработица, создание рабочих мест для женщин и мужчин. Таджикистан: на пути к гендерному равенству. – Душанбе, 2002. – 225 с.

[86] Бобосадыкова Г. Защита прав женщин и Конституции Республики Таджикистан // Конституционное развитие Таджикистана и США. – Душанбе, 1996. – 176 с.

[87] Шоисматуллоев Ш. Гендерная система: состояние и тенденции развития. – Душанбе, 2004. – 209 с.

[88] Шарипова Г.Х. Политико-правовые аспекты международных обязательств Республики Таджикистан в области прав человека. – Душанбе, 2005; Её же. Шарипова Г.Х. Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин. – Душанбе, 2002. – 38 с.



диққати махсус медиҳад. Г.Х. Шарипова моҳияти нақши Созишнома дар бораи аз бурдани ҳама гуна шакли ҳуқуқпоймолкунӣ дар муносибат бо занонро ҳамаҷониба ошкор намудааст.

Муҳиммияти таҳқиқоти О.Э. Раҳмон[89] дар он ифода меёбад, ки дар ин таҳқиқот таъсири санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ба ташаккули қонунгузории миллӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи занон дар Тоҷикистон омӯхта шудаанд.

Дар таҳқиқоти М. Зикриёева[90] нақши занони Тоҷикистон дар Ҷанги бузурги ватанӣ дар солҳои 1941-1945 омӯхта шудааст.

А. Мамадазимов[91] масъалаҳои иштироки занон дар ҳаёти фарҳангӣ ва ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон дар давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ, вазъи сиёсати гендерии ҷумҳурӣ дар замони шомилшавии он ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ва солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият, нақш ва мавқеи занон дар таърихи афкори афкори фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсии форсу тоҷик, дар ҳаёти фарҳангӣ ва ҷамъиятию сиёсии давраи гузариш, иштироки занон дар равандҳои демократӣ ва ҳаёти сиёсии ҷомеа ва танзими фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Гурӯҳи сеюмро таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ташкил медиҳанд. Дар мактаби илмии ватанӣ оид ба масъалаи нақш ва мавқеи занон дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ диссертатсияҳо омода гардидаанд. Чунончӣ, М. Раҳматова[92] дар таҳқиқоти диссертатсионии худ нақш ва мавқеи занон дар ҳаёти фарҳангӣ ва ҷамъиятию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва оғози ҳазорсолаи нав (солҳои 1992-2004)-ро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Т.М. Мирзораҳимова[93] таҳқиқоти диссертатсионии худро ба омӯзиши масъалаи иштироки занон дар ҳаёти фарҳангӣ ва ҷамъиятию

[89] Рахмон О.Э. Влияние международно-правовых актов на формирование национального законодательства по защите прав женщин в Таджикистане // Сиёсати хориҷӣ. – 2013. – №1.

[90] Зикриёева М.Ф. Историческая литература о положении женщин-таджичек до октябрьской революции // Вестник Таджикского национального университета. – 2009. – №3 (51). – С.51-58.

[91] Мамадазимов А., Куватова А. Регулирование деятельности политических партий и участие женщин в политической жизни в Таджикистане. – Душанбе, 2011. – 105 с.

[92] Рахматова М. Место и роль женщин в общественно-политической и культурной жизни Таджикистана нового переходного периода: 1992-2004 гг.: дис. ...канд. ист. наук. – Худжанд, 2004.

[93] Мирзорахимова Т.М. Участие женщин в общественно-политической и культурной жизни Таджикистана в годы Великой отечественной войны (1941-1945гг.): дис. ...канд. ист. наук. – Душанбе, 2006.

сиёсии Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги бузурги ватанӣ (1941-1945) бахшидааст.

М.А. Ҷумахонова[94] дар таҳқиқоти худ нақш ва мавқеи занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеаро нишон додааст. Таҳқиқоти мазкур комилан дар заминаи маводҳои Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Арзиши таҳқиқоти диссертатсионии С.М. Шарипова[95] дар он ифода меёбад, ки муаллиф нақши занони Тоҷикистонро дар шароити навини иҷтимоию таърихии даҳсолаи аввали солҳои соҳибистиқлолии мамлакат (1991-2001) таҳқиқ намудааст.

С.Г. Айвазова[96] масъалаи аз лиҳози гендерӣ баҳогузорӣ намудани равандҳои сиёсии Россияро таҳлил намуда, нақши занонро дар ин равандҳо нишон додааст. О.С. Богданова[97] ба масъалаҳои гендерии сарварии сиёсӣ диққати махсус додааст. О.А. Воронина[98] дар таҳқиқоти худ масъалаи таҳлили иҷтимоию фалсафии назария, методология ва амалияи баробарии гендериро ба сифати объекти таҳқиқот интихоб намудааст. О.И. Жукова[99] диссертатсияи худро ба шарҳи гендерии сиёсат бахшидааст. Ӯ муносибатҳои назариявӣ ва амалияи сиёсиро дар мисоли Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Фаронса баррасӣ менамояд. Дар диссертатсияи О.В. Климашевская[100] сиёсати давлатӣ дар самти бартарафсозии нобаробарии гендерӣ дар Россия муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Е.Н. Коваленко[101] ба асосҳои консептуалии баррасиҳои сиёсии ҳаракати занони Россияи муосир

[94] Джумахонова М.А. Место и роль женщины в политической жизни общества: на материалах Таджикистана: дис. ... канд. полит.наук. – Душанбе, 2006. – 156 с.

[95] Шарипова С.М. Женщины Таджикистана в новых социальноисторических условиях первого десятилетия независимости(1991-2001гг.): автореф. дис. … канд. ист. наук. – Худжанд, 2007.

[96] Айвазова С.Г. Женщины в российском обществе: гендерное измерение политического процесса: дис. ... д-ра полит. наук. –М., 1996. – 218 с.

[97] Богданова О.С. Гендерные аспекты политического лидерства: автореф. дис. … канд.полит.наук. – М., 2011.

[98] Воронина О.А. Социально-философский анализ теории, методологии и практики гендерного равенства: дис. ...д-ра филос. наук. – М., 2004.

[99] Жукова О.И. Гендерная интерпретация политики: теоретические подходы и политические практики (примеры России и Франции): автореф.дис. … канд. полит.наук. – М., 2010.

[100] Климашевская О.В. Государственная политика в сфере преодоления гендерного неравенства в современной России: автореф. дис. … канд. полит.наук. – М., 2011.

[101] Коваленко Е.Н. Концептуальные основания политического дискурса современного российского женского движения: автореф. дис. ...канд. полит. наук. – М., 2011.



диққати бештар додааст. Ҳарчанд диссертатсияҳои мазкур дар заминаи маводҳои Россия таҳия гардида бошанд ҳам, онҳо барои муайян намудани масъалаҳои умуминазариявии сарварии занон ба мо кӯмак намудаанд.

**Сарчашмаҳои истифодашуда.** Муаллиф дар раванди таҳияи диссертатсия доираи васеи сарчашмаҳоро истифода намудааст, ки онҳо ба таври зерин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

**Ба гурӯҳи якум** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дохил карда шудаанд[102]. Дар сарчашмаҳои ин гурӯҳ самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини баробарҳуқуқӣ ва имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода намудани мутахассисон аз ҳисоби занон, ба ҷойи кор таъмин намудани онҳо, тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занон ва духтарони қобилиятнок ба инобат гирифта шудаанд.

[102] Государственная Программа "Основные направления государственной политики по обеспечению равных прав и возможностей мужчин и женщин в Республике Таджикистан на 2001-2010 годы". [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=12883; Государственная программа подготовки специалистов из числа женщин и содействия их занятости на 2012 - 2015 годы от 1 марта 2012 года, №92. [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=116372; Государственная Программа "Воспитание, подбор и расстановка руководящих кадров Республики Таджикистан из числа способных женщин и девушек на 2007-2016 годы" 1 ноября 2006 года № 496 [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=10132; Закон Республики Таджикистан от 1 марта 2005 г., № 89 "О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации". [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=6027&conttype=2; Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин [Электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/cedaw.shtml (дата обращения: 25.02.2019 г.); Конвенция о политических правах женщины [Электронный ресурс]. URL: http://www.owl.ru/win/docum/un/pol_con.htm (дата обращения: 25.02.2019 г.); Конвенция о правах ребенка [Электронный ресурс]. URL:; http://www.owl.ru/win/docum/un/convent.htm (дата обращения: 25.02.2019 г.); Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 августа 2008 года №370 "Об утверждении Национального плана мероприятий по обеспечению безопасного материнства в Республике Таджикистан на период до 2014 года". [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=13635 ; Постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 мая 2010 года, № 269 "О Национальной стратегии активизации роли женщин в Республике Таджикистан на 2011-2020 годы". [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=15497#A3V00N4UOO; Указ Президента Республики Таджикистан от 3 декабря 1999 года №5 "О повышении роли женщин в обществе". [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=10595&conttype=3.

Дар ҳуҷҷатҳои мазкур кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини баробарҳуқуқии занон ва мардон, дар амал татбиқ намудани имкониятҳои баробари онҳо, чорабиниҳо оид ба таъмини шароити арзандаи модарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияи фаъолгардонии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа танзим гардидаанд.

Дар ин гурӯҳи сарчашмаҳо инчунин Созишнома оид ба барҳамдиҳии ҳама гуна ҳуқуқпоймолкунӣ дар муносибат бо занон ва Созишнома оид ба ҳуқуқҳои сиёсии занон, ки дар миқёси ҷаҳонӣ масъалаҳои ҳифзи шаъну шарафи занон ва шароити арзандаи модаронро ба танзим медарорад, дохил карда шудаанд.

**Дар гурӯҳи дуюми** сарчашмаҳо асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[103] дохил карда шудаанд. Дар асарҳои мазкур равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши занон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон ҳамаҷониба баррасӣ гардидаанд.

Дар ҳалли масъалаҳои номбаргардида нақши Асосгузори сулҳу ваҳдат-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро махсус бояд таъкид намуд, ки бо ташаббусҳо ва муносибати ҷиддии худ нисбат ба масъалаи ҷалби занон ба фаъолияти идоракунӣ, асосгузор ва поягузори барномаҳои гендерӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ҳамзамон ӯ дар ташаккули стратегияҳои дастгирии занон, андешидани чораҳои махсус аз ҷониби давлат оид ба сиёсати кадрӣ ва инчунин ҳамаҷониба дастгирӣ ва кумакҳои иҷтимоӣ расонидан ба онҳо саҳми арзанда гузоштааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот асарҳои бунёдии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ходимони шинохтаи ҷамъиятию сиёсии сатҳи ҷаҳонӣ, қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими масъалаҳои гендерии ҷомеа, инчунин асарҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он масъалаҳои марбут ба иштироки занон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷомеа баррасӣ шудаанд, ба таври васеъ истифода гардидаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** маҷмӯи муносибатҳои умумиилмӣ, аз қабили объективият, мушаххассозӣ, таърихият, методҳои системанокӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ ва таҳлили сиёсию

[103] Эмомалӣ Раҳмон. Мақоми зан дар ҷомеаи муосир. // Уфуқҳои истиқлол. - Душанбе: Ганҷ-нашриёт», 2018.



иҷтимоии иштироки занон дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робита бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи амалишавии «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» таҳия гаштааст.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсионӣ масъалаи иштироки занон дар соҳаи сиёсии ҳаёти ҷомеаро ифода мекунад.

**Предмети таҳқиқот** масъалаҳои иштироки занон ва фаъолнокии онҳо дар равандҳои сиёсии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Соҳаи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D050200 – Сиёсатшиносӣ, 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Мақсади таҳқиқот** таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи иштироки занон дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун омили навсозии системаҳои сиёсӣ ва рушди минбаъдаи тағйироти куллии демократӣ дар ҷомеаи тоҷик мебошад.

Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар рафти таҳдқиқот ҳалли **вазифаҳои** зерин зарур аст:

– илман асоснок намудани иштироки сиёсии занон дар ҳаёти ҷомеа ҳамчун падидаи иҷтимоӣ;

– муқаррар ва гузаронидани таҳлили заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷаҳони муосир ва нишон додани хусусиятҳои зоҳиршавии онҳо дар шароити фаъолияти ҳаётии ҷомеаи муайян;

– таҳқиқи вазъият ва ошкор намудани моҳияти дурнамои иштироки занон дар раванди сиёсии дар Тоҷикистон ба амалоянда;

– нишон додани дараҷаи муҳиммяти иштироки занони тоҷик дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар;

– таъкид намудани омилҳои мутобиқаткунанда ба афзоиши фаъолгардонии иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он.

**Навоварии илмии таҳқиқот,** пеш аз ҳама, ба таври кофӣ омӯхта нашудани мавзӯъ, инчунин масъалаи иштироки занон дар равандҳои сиёсии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдиҳандаро, ки ташкили давлати

демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар марҳалаи кунунии рушди он далели равшан мегардад, ташкил медиҳад. Дар диссертация, бори аввал дар илми сиёсатшиносӣ, ҷанбаҳои гуногун ва хусусияти иштироки занон дар равандҳои сиёсии Тоҷикистон мавриди таҳлили маҷмӯи қарор дода мешавад.

Дар баробари ин, нуктаҳои зерин низ ҳамчун навовариҳои илмии кор муқаррар карда шудаанд:

– асосҳои назариявӣ ва методологии таҳлили масъалаи иштироки сиёсии занон ҳамчун падидаи иҷтимоиву сиёсӣ таъкид карда шуд;

– заминаи таърихӣ ва ҳуқуқии иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ ҷаҳони муосир муайян ва омӯхта шуда, хусусиятҳои фаъолгардонии раванди мазкур, дар мисоли як кишвари алоҳида гирифташуда ошкор карда шуд;

– моҳият ва хусусиятҳои хоси пайдоиши сарварии сиёсии занон дар шароити Тоҷикистон таҳия ва таҳлил карда шудааст;

– дараҷаи аҳамияти фаъолгардонии иштироки занони Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии кишвар дар тӯли солҳои истиқлолият он асоснок карда шудааст;

– моҳияти омилҳои ба афзоиши зарурияти иштироки занон дар равандҳои сиёсии рӯйдиҳанда дар Тоҷикистон мусоидаткунанда, равшан ва ошкор карда шуд ва дурнамои такмилдиҳии он пешбинӣ карда шуданд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқи ин проблема ба назарияҳои классикии иҷтимоию сиёсии феминизм рӯ овардан ва мустаҳкам кардани иштироки занонро дар равандҳои сиёсӣ ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ тақозо дорад. Бо сабаби он, ки феминистон аксаран дар масъалаи зан мавқеи канорагиро доранд, онҳо аз ӯҳдаи ҳалли масъалаҳои бунёдӣ, ба мисли, аз байн бурдани нобаробарии гендерӣ, пешгирӣ кардани ихтилофи назарҳо дар мавзӯи таҳқиқот, муайян кардани сарчашмаҳои нобаробарҳуққукии занон ва методологияи ислоҳоти он дар ҷомеа, набаромаданд. Мавҷудияти ифрот дар мавқеъҳои феминистон сабаби муносибати манфии тезу тунд нисбати онҳо эътирофи ақидаҳои онҳо гардиданд.

2. Ҳамчун падидаи муҳими иҷтимоиву сиёсӣ, баъзе заминаҳои муайяни таърихиву ҳуқуқӣ боиси иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа гардидаанд. Чи дар гузашта ва чи дар айни замон, масъалаи ворид намудан ва авҷ гирифтани иштироки фаъолити занон дар



равандҳои сиёсӣ, ташаккул ва такмили ҳуқуқи интихобот, ва инчунин иштироки онҳо дар қабули қарорҳои сиёсӣ кушод мемонад.Дискриминатсия нисбати занон дар ҳуқуқи интихобот аз ҷиҳати ҷинс, аломати нажодӣ аз қадимулайём ҷой дошт. Ин сабаби тазоҳуроти аввалини занон дар мубориза барои ҳуқуқ ва озодиҳо худ мебошад.

Таҳлили таърихи ҳаракати феминистӣ нишон медиҳад, ки занон ба гирифтан ва кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандии худ аз давлат манфиатдор буда, қобилияти баланди фаъолияти сиёсӣ доранд. Ҳақиқат собит месозад, ки фарҳанги муосири сиёсӣ бе иштироки занон пурра набуда, авлавиятҳои сиёсии онҳо нисбат ба мардон бо инсондӯстияшон фарқ мекунанд.

Бешубҳа, таъмини баробарҳуқуқӣ ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи табақа ва гуруҳҳои аҳолӣ барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ дар кишвар заминав а шарти зарури бунёди давлати ҳақиқии демократӣ ва таъсиси ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

3. Фаъолнокии иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва оғози роҳбарии сиёсии онҳо дар он яке аз шароити муҳими демократикунонии ҷомеаи анъанавии тоҷикӣ буда, равандҳои тағйирёбандаи он ислоҳот мехоҳанд. Таҳлили мунтазаму таҷрибавии фарогирӣ ва ҳузури занон дар равандҳои сиёсӣ, бо дарназардошти дарки омилҳои иҷтимоию сиёсӣ, ки ба роҳбарияти сиёсии занон мусоидат мекунанд, талаботи сахти замонвӣ мебошад.

4. Барои баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии занон дар ҳалли вазифаҳои сиёсӣ, ҳавасмандгардонии иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст. Таҳқиқи нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории штироки занони Тоҷикистон дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ дар солҳои истиқлолият боиси сабаби исбот кардани зарурати навсозии пояҳои патриархалӣ ва анъанавии манфии ҷомеа ҷиҳати дунявият (светскость) ва рушди устувор гардидааст.

Дар ин робита, таҳқиқот ва истифодаи самараноки таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ҳалли мушкилоту масъалаҳои гендерӣ зарур аст. Он метавонад барои Тоҷикистони муосир муфид буда, фарогирии занони тоҷик дар равандҳои фаъоли иҷтимоию сиёсӣ, ки дар дохили кишвар мегузаранд, метавонад фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро, ки барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият дар асри XXI масъул мебошанд, беҳтар гардонад.

5. Фаъолнокии васеи иҷтимоию сиёсии занон дар раванди сиёсӣ,

ки аз ҷониби ҳукумати кишвар дастгирӣ ёфта, ҳавасманд мегардад, яке аз омилҳои муҳимтарини фаъолнокии иштироки онҳо дар соҳаи сиёсии ҷомеа ва нишондиҳандаи сатҳи рушди ниҳодҳои демократӣ дар кишвар ба шумор меравад. Ин раванд саҳеҳияти дасткашӣ аз стратегияи гендерии занонро барои ба даст овардани мувозинати гендерӣ дар ҷомеа асоснок месозад.

Дурнамои иштироки занони тоҷик дар равандҳои сиёсӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мугазаранд, дорои пешгӯиии мусбат мебошанд, зеро авҷ гирифтани фаъолияти онҳо дар ин самт ҳаматарафа аз ҷониби ҳукумати кишвар, пеш аз ҳама аз ҷониби Президент дастгирӣ меёбад.

**Арзиши назариявии** диссертатсия аз он иборат аст, ки таҳлили ҳамаҷонибаи дар он гузаронидашудаи иштироки занон дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоию сиёсии онҳоро фаҳманд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар он аст, ки натиҷаҳои онро мумкин аст дар амалияи бунёди ҷомеаи баробарҳуқуқи гендерӣ дар Тоҷикистон, вориднамои занон дар равандҳои сиёсӣ ва дар онҳо ташаккул додани сифатҳои роҳбари сиёсӣ истифода шаванд. Муқаррароти асосии рисолаи мумкин аст ҳангоми хондани лексияҳо ва курсҳои махсус оид ба масъалаҳои сарварӣ, ҳангоми тахияи курсҳои махсус ва семинарҳо доир ба масъалаҳои воридшавии занон ба равандҳои сиёсӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ истифода бурда шавад.

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар кор баровардашуда метавонанд дар раванди рушди таҳқиқоти гендерӣ дар Тоҷикистон, такмилдиҳии заминаи қонунгузории раванди мазкур ва чун таҷрибаи мусбӣ дар ҳалли масъалаҳои гендерӣ дар амалияи муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҷомеаҳои анъанавӣ муфиданд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ** дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳо ифода меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

**Тасвиби натиҷаҳои асосии диссертация.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд маротиба муҳокима карда шудааст. Муқаррароти



асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ оварда шудаанд ва инчунин дар маҷаллаҳои илмии тақризшудаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия эътирофгардида, нашр гардидаанд.

Кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 декабри соли 2018, протоколи №13 муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Сохтори диссертация.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддимаи** диссертатсия муҳиммияти мавзӯи интихобгардида асоснок карда шуда, дараҷаи таҳияи масъала баррасӣ гардида, обеъкт ва мавзӯи тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, нововарии илмӣ, асосҳои методологии он, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳод шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудааст.

Дар боби якуми таҳқиқот «**Асосҳои методологии таҳлили масъалаи иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ**» масъалаи иштироки занон дар соҳаи сиёсии ҳаёти ҷомеа ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баррасӣ гардида, таҳлили заминаи таърихӣ ва ҳуқуқии иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа гузаронида шудааст.

Параграфи якуми боби мазкур **«Иштироки занон дар соҳаи сиёсии ҳаёти ҷомеа ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ»** ба омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии иштироки занон дар соҳаи сиёсии ҳаёти ҷомеа бахшида шудааст.

Дар ин ҷо қайд шудааст, ки таъмини дастрасии баробар ба равандҳои сиёсӣ ва қабули қарорҳо барои мардон ва занон на танҳо яке аз шароитҳои муҳими рушди давлати ҳуқуқбунёд дар ҷаҳон, балки кафили пешрафти самарабахши иҷтимоию иқтисодии он низ мебошад. Исботи ин таҳқиқҳои мухталифи гузаронидаи Созмони Милали Муттаҳид буда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки кишварҳои ишғолкунандаи мавқеи бартаридошта оид ба намояндагии занон дар сиёсат, нишондиҳандаҳои хуби сифати ҳаёт ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ доранд. Дар баробари ин, дорои шаҳрвандони бо сатҳи ниҳоят баланди таҳсилот, иқтидори бузурги техникӣ ва захиравӣ мебошанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ

барои расидан ба чунин натиҷаҳо кӯшиш мекунанд. Ҳарчанд муносибат ба зан, иштироки фаъолонаи ӯ дар равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ҳамеша яке аз меъёрҳои муҳими ҷомеаи демократӣ буд ва боқӣ мемонад.

Бояд хотиррасон кард, ки давраи Маърифат, дар ҳақиқат марҳилаи озодӣ, аз ҷумла талошҳои аввалини занони як қисми аҳолии ҷаҳон ба худшиносӣ ва худогоҳӣ гардид. Дар ин замон, аз нуқтаи назари мутафаккирони он давра, ҷудоӣ ва парокандагии ҷомеа афзоиш ёфта, вале ҳисси оммавӣ ниҳоят фардикунонитар мегардид. Хусусияти ин марҳилаи рушд дар он буд, ки шахс, худ ба худ, бештар қафомондагии дастурҳои замони падаршоҳиро ҳис мекардагӣ шуд.

Аммо бо вуҷуди ин, Ж.Руссо занро назар ба мард арзишмандтар меҳисобад, зеро, чун зан ҳуқуқҳои худро ба даст овард, ба вай ёфтани мавқеи муносиби худ дар ҷомеа аз рӯи қолабҳои анъанавӣ дар бораи нақши он мушкилтар аст. Вай қайд менамояд, ки дар ҳама ҷо, дар ҳар ҷое, ки зан ҷои худро ишғол накунад, ӯ ҳамеша тибқи мақоми худ аз мардон поёнтар боқӣ мемонад. Ин хусусият дар асарҳои мутафаккирони давраи Маърифат, ки он ҷо консепсияҳои поймолкунии мақоми занҳо, мансубияти онҳо ба табиати разилонаашон ҳукумрон буд, низ дарҷ гардидааст.

«Рушди демократияро дар пешомади таърихӣ, ҳамчун раванди бадастоварии ҳуқуқ ба иштироки сиёсӣ тавсиф кардан мумкин аст».[104] Аз ин рӯ, мафҳуми иштироки сиёсӣ ҳаракати олотие мебошад, ки ба он ҳама намудҳои фаъолият, барои он ки ба интихоби сиёсатмадорон ё раванди қабули қарорҳо таъсир расонад, дохил мешавад. Ҳамчунин, иштироки сиёсӣ чун шакли махсуси рафтори иҷтимоӣ тавсиф карда мешавад, ва одатан маънои «ҷустуҷӯйи роҳҳои таъсир ва иштирок тавассути ниҳодҳои давлатӣ дар соҳаи сиёсӣ-маъмурӣ»-ро ифода мекунад.[105]

Мушкилоти дигаре, ки бо иштироки занон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа алоқаманд аст - ин масъалаи роҳбарии онҳо мебошад, ки дар таърихи илмҳои ҷомеашиносӣ аз тарафи мутафаккирон низ гуногун шарҳ дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои занон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти таҳқиқотии О. Э. Раҳмон гардид, ки масъалаҳои ташкил ва рушди қонунгузорӣ дар бораи баробарҳуқуқии зан дар ин давлати пасошӯравӣ дар солҳои истиқлолият, хусусияти намояндагии ҳуқуқ ва озодиҳои

[104] Radtke, Giinter: Teilnahmean der Politik. Bestimmungsgriinde der BereitschaftzupolitischenParzipation, einempirischerBeitrag - Leverkusen, 1976. - C.2-3.
[105] Buse M. Beteiligungworan und wozu?ZurAbrenzung von Begriffen, in: Alemann, Ulrich von (Hrsg.), Parzipation- Demokratisierung– Mitbestimmung. - Opladen, 1975. - C.41-78.



занон дар рушди таърихро муфассал таҳқиқ намудааст. Дар он давомати ҳуқуқии анъанаҳои таърихӣ дар соҳаи мақоми ҳуқуқии занон аз нуқтаи назари муносибати гендерии муосир ба масъалаи ҳуқуқ ва озодиҳои занон, таъсири он ба таҷрибаи қонунгузорӣ ва рушди минбаъдаи қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқ ва озодиҳои занон дар Тоҷикистон нишон дода мешавад.[106]

М.А. Ҷумахонов[107] дар асарҳои худ ҳалли масъалаи нақши занон дар раванди тағйирёбандаи ҷомеаи Тоҷикистон, ки дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон маънои нав ва мазмуни дигар пайдо карда буд, баррасӣ намудааст. Айни замон дар ҳаёти сиёсӣ нақш ва аҳамияти занон хеле боло рафта, иштироки онҳо дар равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ фаъол гаштааст, ва онҳо ба истеблишменти сиеси муассисаи сиёсии давлати тоҷикон ворид гашта истодаанд.

Дар назар гирифтан зарур аст, ки хусусияти хоси қонунгузории миллӣ аз мавҷудияти миқдори зиёди зерқонунҳо ва санадҳои меъёрӣ иборат мебошад.

Ҳамин тариқ, занон чун табақаи махсуси ҷомеа, дар иерархияи иҷтимоию сиёсии он мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Ҳарчанд иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ таърихан на дар ҳама марҳилаҳои инкишофи ҷомеа ва на ҳамеша таъмин карда шудааст, бо вуҷуди ин, кӯшишҳои онҳо, яъне дар баробари мардон ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ далели равшане аст, ки имкон медиҳад ӯро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ муайян намояд.

Ба ақидаи мо, барои ошкор намудани моҳияти ин падида дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсии давлатҳои муосир, гузаронидани таҳлили заминаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии он, ки дар қисмати навбатии тадқиқот сухан дар бораи чӣ меравад, зарур аст.

Дар параграфи дуюми боби аввал **«Заминаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷаҳони муосир»**, заминаҳои таърихӣ ва мавқеи ҳуқуқии иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ таҳқиқ карда шудааст.

Дар ин ҷо зикр гардидааст, ки баррасии асосҳои таърихӣ ва ҳуқуқии масъалаҳои иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир муайянсозии якчанд ҷиҳатҳои методологиро талаб менамояд. Аз ҷумла, таҳқиқот ва таҷдиди тарҷеоти таърихии ташаккули ҳаракатҳои занон дар

[106]Бобобекова М. Нақшизан дар равандидемократикунониичомеа. – Душанбе, 1998. – 105 с.; Акмалова М.А. Современное видение политической независимости // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2016. – №4. – С.162-168.
[107]Ҷумахонова М.А. Место и роль женщины в политической жизни общества: на материалах Таджикистана: дис. ... канд. полит.наук. – Душанбе, 2006.

равандҳои ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин муайянсозии дастгоҳи консептуалии гендерологӣ дар қатъ кардани фаъолияти иҷтимоӣ-сиёсии занон ва ошкор намудани асосҳои иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ дар ҷомеаи муосир.

Таҳлилҳои доир ба масъалаи мазкур мавҷудбудаи адабиётҳо, нишон медиҳад, ки дар ҷараёни замони дурударози таърихии мутобиати занони Шарқ, нодории иқтисодӣ, мушкилоти моддӣ, инчунин заифии ҷисмонии ӯ муайян карда шудааст. Дар ин давра, иттифоқҳои касабаи занон пайдо шуда, лигаи истеъмолкунандагон таъсис ёфтааст, ки бо кӯмаки он онҳо барои беҳтар намудани шароити меҳнат мубориза бурдаанд.

Фаъолгардии занон дар равандҳои сиёсӣ дар кишварҳои шарқӣ, ба охири асри XIX таааллуқ дорад. Қадамҳои аввалини феминизм дар Шарқ, вақте ки ба нашри чунин маҷаллаҳои занон ба монанди «Ал-Фақат» («Дӯшиза»), «Фоқатуш-Шарқ» («Духтари Шарқи») дар Миср, «Ал-Ҳуснат» («Соҳибҷамол») дар Сурия шурӯъ намуданд, лоиҳаҳои маърифатӣ гардиданд. Ҳаракатҳои феминистӣ дар Туркия бо таъсиси ташкилоти «Талей ин исван жамияти», ки он низ бо интишори маҷаллаи махсуси занон оғоз гардид, ба вуҷуд омадааст, ва баъдтар ҳаракатҳои занон дар Ҳиндустон, Чин ва Индонезия шурӯъ шуданд. Дар ин кор намояндагони маъруфи ҳаракати занон дар Шарқ - Холидахонум, Фотима Алия, Нигорхонум ва дигарон нақши махсусан фаъол доштанд. Дар бораи қадамҳои аввалини феминизм ва озодии занон соли 1876, Р. Н. Гунтегин бо унвони «Королек - птичка певчая» асари хеле хубе эҷод кард. Ин асар чандин маротиба аз нав ба табъ расида ба сюжет як номи филм дохил карда шудааст.[108]

Дар таърихи ҳаракати фемeнистӣ дар Аврупо, замони таҳаввулоти қатъӣ донистани соли 1848 қобили қабул аст, ки он соли муборизаи занон маҳз барои ҳуқуқи овоздиҳии худ дониста мешавад.[109]

Дар хусуси иштироки занони Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсии кишвар қайд кардан мумкин аст, ки дар ин ҷо масъалаи мазкур якчанд хусусиятҳои ҳалли худро дорад. Таҷрибаи ҳаёти сиёсии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ниҳоди роҳбарии сиёсии занон бояд бо дарназардошти хусусиятҳои ҳудудии давлат ва таъсири ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ дар ташаккули роҳбарони сиёсии маҳаллӣ ташкил карда шавад. Воқеияти муосири ҳаёти ҷомеаи тоҷик нишон медиҳад, ки

[108] Феминизм [электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Феминизм (дата обращения: 15.06.2018 г.)
[109] Эванс С. Рожденная для свободы. Пер с англ. – М., 1993. – С.341.



пеш аз ҳама, раҳбарони сиёсӣ бояд аз ҳисоби шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ ташаккулёфта ва аз ҷониби давлат мусбат қабулгардида - расмиятпараст, саноатӣ, молиявӣ, мақомотҳои низомӣ ва ҳизбӣ пешниҳод гарданд.

Ғайр аз ин, доир ба хусусияти ташаккули мактабҳои роҳбарикунандаи сиёсӣ дар Тоҷикистонро баррасӣ намуда, бояд хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию психологии занон дар ҷомеаи анъанавӣ ба назар гирифта шавад. Занони Тоҷикистон, чун дар аксари кишварҳои ҷаҳон, дар даврони муосир аз равандҳои ҷаҳонишавии бавуҷудоянда дар канор нестанд.

Албатта, чорабиниҳои фарҳангиву маърифатии дар он давра баргузоргардида, дар кори расидан ба баробарҳуқуқии воқеии занон бо мардон нақши муҳим доштанд: Форуми аввалини занони коргари Туркистон дар шаҳри Тошканд (майи соли 1920), Намоиши дастовардҳои хоҷагии халқ дар Москва (соли 1937), Даҳрӯзаи фарҳанги тоҷик дар Москва (апрели соли 1941) ва ғайра. Омили муҳимтарини озодии занони тоҷик фаъолияти шуъбаи ҳаракати занони Осиёимиёнагии «Ҳуҷум» мебошад, ки дар солҳои 30-юм дар Тоҷикистон низ барои партофтани фаранҷӣ мубориза намудаанд.[110]

Дар солҳои истиқлолият ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, дар Тоҷикистон: Нақшаи миллии тадбирҳо дар хусуси баланд бардоштани мақом ва нақши занон дар солҳои 1998-2005, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа» (с.1999), Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари татбиқи онҳо» (2005) таҳия ва қабул карда шуданд. Бо мақсади ҷалбнамоӣ ва пешравии занон дар раванди қабули қарорҳо, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006 Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» қабул карда шуд.

Соли 2007 дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 бахшҳои алоҳидаи «Таъмини баробарии гендерӣ» дохил карда шуданд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010 «Стратегияи миллии фаъолгардонии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» тасдиқ карда шуда, нақшаи

[110] Norton D. Veiled Empire.Gender and Power in Stalinist Central Asia. - London, 2003.

чорабинӣ барои татбиқи он низ таҳия гардидааст.

Ҳамин тавр, бо дақиқияти кофӣ метавон хулоса кард, ки ба даст овардани ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари занони тоҷик ё таъсиси асоси ҳуқуқии гендерӣ-мувозинатии ислоҳоти вазъи занон, институтсионаликунонии фаъолияти иҷтимоии занон дар Тоҷикистон нисбат ба мубориза бо радикализатсияи он аҳамияти муҳимтаре дорад. Ин кор бо таҳия ва татбиқи технологияҳои амалкунандаи баамалбарории қонунҳо ва кафолатҳои давлатӣ, сохтори муташаккили нигаронидашуда ба баланд бардоштани ҷой ва нақши занон дар равандҳои сиёсӣ ва иштироки онҳо дар қабули қарорҳо доир ба идоракунии давлатӣ, равобити ногусастанӣ дорад.

Боби дуюми диссертатсия **«Ҳолат ва дурнамои иштироки занон дар равандҳои сиёсии бавуҷудоянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили масъалаҳои ташаккули фаъолияти сиёсии занон дар Тоҷикистони муосир, иштироки занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои истиқлолият ва муайянсозии дурнамои фаъолгардонии иштироки занон-роҳбарон дар равандҳои сиёсии дар кишвар бавуҷудоянда, бахшида шудааст.

Дар параграфи якуми ин боби диссертатсия **«Масъалаҳои ташаккули фаъолияти сиёсии занон дар Тоҷикистони муосир»** тамоюли ҳавасмандгардонии сатҳи фаъолнокии занон дар сиёсат, дастгирии фаъолияти онҳо дар соҳаҳои дигари ҷомеа баррасӣ карда мешавад.

Дар робита бо ин, як қатор омилҳои зерини иҷтимоӣ-сиёсӣ ва сабабҳои шарҳдиҳандаи тағйирёбии мавқеъ ва нақши занон дар равандҳои сиёсӣ таҳқиқ карда шудаанд:

Аввалан, ҳамаи кишварҳои рушдкардаи муосир ба талаботи нав, модернизатсияшудаи фаъолияти давлатӣ, ки дар он занон дохиланд, мегузаранд, зеро инро гузариши ҷомеа ба ҷомеаи иттилоотии бо «дониши иқтисодӣ» асосёфта, ки дар он эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ба сифати зиндагӣ афзоиш меёбад, тақозо менамояд.

Дуюм, рушди ҷомеаи тоҷикистонӣ дар замони муосир сатҳи нисбатан баланди таҷдид ва рушди сармояи инсониро талаб мекунад. Ин, дар ҳолест, ки бояд ба вазифаҳои давлат ворид гардида, онҳоро аз вазифаҳои анъанавӣ-репрессивӣ ва танзимшаванда, ба сиёсати пешбиникунандаи рушди таҳсилоти занон, ҳифзи саломатӣ, таъмини иҷтимоӣ ва ғайра гузаронад.

Сеюм, тағйироти гендерӣ ва навсозии сиёсати иҷтимоии давлат боиси ташаккули нисбатан қатъии талабот ба таъсиси тавозуни гендерӣ дар сохторҳои давлатӣ ва ташкили механизмҳои нисбатан самарабахши таъминкунандаи истифодаи ин сармояи иҷтимоӣ барои идора кардани кишвар дар ҳамаи сатҳҳо гардид.



Масъалаи ташаккули роҳбарият дар доираи васеи заминаҳои воқеӣ асос меёбад. Яке аз чунин омилҳои муҳими воқеӣ ниёз ба худташаккулдиҳӣ мебошад, ки ягонагии амали унсурҳои алоҳидаи системаро бо таъмини устувории он ва самаранокии функсионалӣ таъмин менамояд.

Татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳо дар кишварҳои алоҳида оид ба ислоҳи гендерии ҷомеа ва беҳтаргардонии вазъи иҷтимоию сиёсии занон имкон медиҳад ба хулоса оем, ки талошҳои ҷомеъа доир ба барҳамдиҳии чунин ассиметрияҳо имкони умедворӣ ба бартарафсозии онҳо медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд дар солҳои 1990-ум бо тақвият ёфтани ҳаракати занон, муттаҳидшавии онҳо оғоз гардид ва дар давраи ба даст овардани истиқлолият таҳти роҳбарии ғамғорона ва дақиққоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон идома ёфтааст. Агар дар марҳилаи аввал занҳо худашон кӯшиши иштирок дар қабули қарорҳои сиёсӣ намуда, дар созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва клубҳои занон муттаҳид мешуданд, пас айни замон ин ҷараён мураттабан ва мақсаднок, дар мувофиқа бо хусусиятҳои раванди сиёсӣ дар кишвар сурат мегирад.

Дар барномаҳо ва нақшаҳои ҳукумат дар татбиқи тавозуни гендерӣ ҳавасмандии шаклҳои роҳбарии занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пешбинӣ карда мешавад.

Дар асри XXI динамикаи афзоиши нақш ва мавқеи роҳбар-занони сатҳи ҷаҳонӣ дар раванди сиёсӣ ва иштирок дар қабули қарорҳои идоракунии давлатӣ маълум аст.[111] Хусусан, афзоиши фаъолияти сиёсии занҳои шарқӣ бисёр аст, чунончӣ Сиримаво Бандаранаике - Сарвазири Шри-Ланка, Индира Ганди - Сарвазири Ҳиндустон, Халил Зиё - Сарвазири Бангладеш, Тансу Чиллер - Сарвазири Туркия, Беназир Бхутто - Сарвазири Покистон, Чандрики Кумаратунга - Президенти Шри-Ланка), Шайх Ҳасина Возед - Сарвазири Бангладеш, Магавати Сукарнопутри - Президенти Индонезия ва ғайра.

Ҳамин тариқ, дар айни замон аллакай 20 зан дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мансабҳои калидиро дар идоракунии давлат ишғол менамоянд, ки аз онҳо Президентҳои кишвар - 12 ва зиёда аз 7 занон сарвазир мебошанд.

Ба сифати хулосаи ниҳоӣ, метавон муқаррар намуд, ки иштироки

[111]Мамадазимов А., Куватова А. Регулирование деятельности политических партий и участие женщин в политической жизни в Таджикистане. – Душанбе, 2011. – 105 с.; Эрлихман В.В. Правители мира. Хронологическо-генеалогические таблицы по всемирной истории в 4 тт. – М., 2002.

занон ва фаъолнокӣ дар равандҳои сиёсӣ амри замон буда, дорои хусусияти воқеӣ ва қонунӣ мебошад. Дар ин раванд нақши ҳалкунандаро дигар на гендер, балки омилҳои универсалӣ-инсонӣ ва дараҷаи рушди сифатҳои роҳбарӣ, сатҳи таҳсилот ва қобилияти сарфаҳмравии вазъи сиёсӣ ва мувофиқат кардани он мебозад. Маҳз ин омилҳо дар ташаккули занон чун роҳбари сиёсӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Ҷанбаҳои мазкур дорои хусусияти универсалӣ буда, ба тафовутҳо дар тарҳҳо ва усулҳои муассисаи сиёсӣ ва хусусиятҳои таъсиси ҳокимият ишора менамояд.

Чунин фаъолиятнокии баланди занон махсусан дар раванди иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии ҷомеа дар шароити истиқлолияти давлатӣ равшан зоҳир мешавад.

Параграфи дуюми ин боб **«Иштироки занон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият»** ба таҳлили масъалаи иштироки занон дар Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, пас аз бадастоварии истиқлолият, ки он маънои навро гирифт ва ҷойгоҳи он дар равандҳои сиёсӣ ба таври назаррас ривоҷ ёфт, бахшида шудааст.

Омилҳои иҷтимоию сиёсии болоравии нақши занон дар равандҳои сиёсии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдиҳандаро таҳқиқ намуда, метавон ба хулосае омад, ки дар давраи ҳозираи рушд барои фаъолгардонии фаъолияти сиёсии ин қисмати аҳолӣ, иҷрои талаботи тамоми санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ доир ба риояи баробарҳуқуқии гендерӣ зарур аст. Ғайр аз ин, зарур аст тадриҷан Барномаҳои давлатӣ ва миллӣ дар самти баланд бардоштани нақш ва мавқеи занон дар ҷомеа, иштироки фаъолонаи онҳо дар равандҳои сиёсӣ ва қабули қарорҳо, инчунин тағйир додани қолибҳои патриархалии тафаккур ба амал бароварда шавад.

Дар ин раванд, суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон одилона мебошад, ки қайд намудааст: «Нақш ва мавқеи занон дар ҷомеаи мо хеле муҳим аст. Ҳар гуна масъалаи аҳамияти иҷтимоию сиёсидоштаеро мо нагирем, маълум мешавад, ки ҳалли он бе иштироки фаъолонаи занон, бе назардошти фикру ақидаҳои онҳо ғайриимкон аст».[112]

Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз сохторҳои муҳими махсусан ба масъалаҳои занон машғулбудаи ҳокимияти иҷроия мебошад, ки сиёсати давлат оид ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занон ва оила, фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои татбиқи баробарии гендерӣ, васеъ намудани доираи иштироки занон дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ,

[112] Рахмонов Э. Роль женщин в обществе. – Душанбе, 1997. – С.17.



идоракунии фаъолиятҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро ба амал мебарорад.

Занони Тоҷикистон сиёсати пешгирифтаи дохилию хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро амиқ дарк намуда, самимона дастгирӣ менамоянд. Онҳо инчунин дар фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматии расман ба қайд гирифташуда, ки шумораи онҳо дар айни замон зиёда аз 2000 дар соҳаҳои мухталифро ташкил медиҳанд, фаъолона иштирок мекунанд.[113]

Фаъолияти назарраси занони тоҷик дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таърихи истиқлолият ворид шудаанд.[114] Дар байни ташкилотҳои бонуфузи занон, иттиҳодияҳои дар равандҳои сиёсии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдиҳанда фаъолона иштироккунанда, ки мавқеи махсусро ишғол менамоянд, инҳоянд:

1. Ҷамъияти занони Тоҷикистон – ин аввалин ташкилоти ҷамъиятии занон, ки дар Вазорати адлияи Тоҷикистон соли 1992 ба қайд гирифта шудааст. Мувофиқи Оинномаи Ҷамъият, мақсади асосии он - муттаҳидсозии ҳамаи занон, ташкилотҳо ва клубҳо, ассотсиатсияҳо ва дигар ташкилотҳои занон, ки манфиатҳо ва мавқеи занон дар ҷомеа ва оиларо муҳофизат менамояд, баланд бардоштани мақоми занон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар мебошад.[115]

2. Ташкилоти занони Тоҷикистон «Симо» фаъолияти худро соли 1989 оғоз намуд. «Симо» бори дуюм аз ҷониби Вазорати адлияи Тоҷикистон 18 майи соли 1993 ба қайд гирифта шуд. Ташкилоти «Симо» барои ҳалли масъалаҳои меҳнат, истироҳат ва рушди маънавии занон равона шудааст. Мақсади ташкилоти мазкур татбиқи ҳамаҷонибаи рушди фаъолияти занон дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад.

3. Ассосиатсияи «Занони дорои маълумоти олӣ» - 14 октябри соли 1991 дар Вазорати адлияи Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Мақсади асосии фаъолияти Ассотсиатсия ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ, ахлоқӣ, ҳифзи сулҳ ва амният, занони дорои таҳсилоти олӣ, дар атрофии худ муттаҳид кардани занон-олимон мебошад.

4. Ассотсиатсияи «Занон-олимаҳои Тоҷикистон» дар солҳои истиқлолият таъсис ёфта, мақсади асосии онҳо – ин ҳамкорӣ бо ҳамаи

[113] См.: Акмалова М.А. Роль Общественного совета, политических партий и НПО в укреплении независимости Республики Таджикистан // Философия и политология. – 2013. – №3. – С.196-203; Акмалова М.А. Становление и развитие политической независимости Республики Таджикистан. – Худжанд, 2010.
[114] БобобековаМ. Нақшизан дар равандидемократикунонииҷомеа. – Душанбе, 1998.
[115] Там же.

сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар самти тадқиқоти илмӣ, таблиғоти таҷрибаҳои илмӣ, ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо ба мақсадҳои илмӣ мебошад.[116]

5. Ассотсиатсияи занҳои соҳибкори «Хуҷанд» соли 1994 дар маркази вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд аз ҳисоби занони дорои маълумоти олӣ ва дараҷаҳои илмӣ таъсис дода шудааст. Мақсади ин Ассотсиатсия ташкили сохторҳои илмӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, иттилоотӣ барои занон, таҳия ва татбиқи муассисаҳои соҳибкорӣ ва ҷалби занон ба онҳо, таъсиси марказҳои беҳдоштӣ мебошад. Самти асосии фаъолияти Ассотсиатсия барномаи «Занон ва фаъолияти соҳибкорӣ» мебошад.

Дар кори ҷалби занони тоҷик ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ дар кишвар Созмонҳои ғайриҳукуматӣ низ аҳамияти муҳим доранд, ки ба шумораи онҳо метавон инҳоро ворид намуд:

– ташкилоти ғайридавлатии занони «Комила»;
– ташкилоти ғайридавлатии занони «Анъана ва замон»;
– ташкилоти ҷамъиятии занони «Зан ва ҷомеа»;
– фонди байналмиллалии ҳамкории башардӯстонаи «Она»;
– фонди байналмиллалии «Хубони порсигӯй» ва ғайра.[117]

Намунаи ғамхориҳои доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирии ҳамаҷонибаи занон ва духтарон чунин ҳуҷҷатҳо, ба монанди «Дар бораи қабули духтарон ба муассисаҳои олии таълимӣ тибқи квотаи Президентӣ барои солҳои 2001-2005» аз 19 апрели соли 2001, №199, «Дар бораи қоидаҳои кабули донишҷӯён ба муассисаҳои олии таълимии кишвар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 3 апрели соли 2006, №137, ки имкон доданд шумораи мутахассисони баландихтисос дар минтақаҳои дурдасти аҳолӣ зиёд карда шавад.

Бешубҳа, истиқлолияти давлатии Тоҷикистон масъалаҳои занонро дар кишвар муҳим арзёбӣ намуда, дастгирии роҳбарии занон дар ҳама шаклҳои он, омӯзиши занонро ҳавасманд кард, замина ва асос барои рушди тадқиқоти гендериро ташкил намуд ва он худ барои давраҳои нави пешрафти ҷомеаи тоҷик шавқмандӣ дод.

Дар параграфи сеюми боби дуюм **«Имкониятҳои фаъолгардонии иштироки занон-роҳбарон дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** қайд карда мешавад, ки дар айни замон мушкилоти ташаккули фаъолнокии занон дар равандҳои сиёсӣ, иштироки воқеии онҳо дар ҷомеавигардонии иҷтимоию сиёсии қисми занони

[116] Ҳамон ҷо.
[117] БобобековаМ. Нақши зан дар раванди демократикунонии ҷомеа. – Душанбе, 1998.



аҳолӣ аз ҳама бештар диққати ҷомеаи ҷаҳонро ҷалб мекунад. Он яке аз вазифаҳои афзалиятноки иҷтимоӣ барои аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин масъала бо муайянсозӣ ва такмили субъектҳои нави сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа алоқаманд буда, аҳамияти бузурги амалӣ ва назариявӣ дорад. Муайян намудани омилҳои асосии ба фаъолнокии сиёсии занон дар ҷомеа таъсиркунанда, ташаккули заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии таъмини баробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ, қабули чораҳои амалкунанда барои ташаккул додани роҳбарон аз гурӯҳҳои занони аҳолӣ самтҳои муҳимтарини ин кор мебошанд.

Ҳамин тавр, равшан кардани умумият ва тафовутҳо дар мафҳумҳои «пешво» ва «роҳбарӣ» нишон медиҳанд, ки охирин дар муносибат бо аввалӣ нисбатан намоён буда, ва на танҳо хусусияти сифатҳои субъективии шахсиро дар бар мегирад, балки институтсионализатсияи вазифавии он низ фаҳмида мешавад. Ақидаи на он қадар беасос ин аст: «таърихи инсоният он далелеро тасдиқ менамояд, ки пешвоёни калони сиёсӣ, шахсони беназир одатан дар лаҳзаи тақдирсоз барои ҷомеа, вақте ниёз ба талошҳои махсус, саъю кӯшиши аз ҳад зиёди қувва, ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтарини ҳалли масъалаҳои ҷиддии навсозии ҷомеа, интиқол додани он ба роҳҳои нисбатан нав ва самараноки пешравӣ дорад, пайдо мешаванд. Дар ин шароит роҳбарон қувваҳои эҷодӣ ва имкониятҳои миллатро ҷамъ мекунанд ва кӯмак мерасонанд, ки ҷомеа ба сатҳи нави рушди таърихӣ бароядь».[118]

Ба ҷанбаҳои воридшавии занон ба равандҳои сиёсӣ дар сатҳи миллӣ дахл намуда, бояд қайд кард, ки тибқи гузориши Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1999, иштироки занон дар сиёсати бузург ҳанӯз ҳам назарногир боқӣ мемонад, ва аз ҳисоби сарварии сиёсии занони кишварҳои рӯ ба тараққӣ зоҳир мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯзҳои аввали ноил шудан ба истиқлолият масъалаи иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишварро яке аз масъалаҳои марказӣ дар сиёсати дохилии худ намуд, ва ба татбиқи сиёсати баробарии гендерӣ дар ҷомеа пардохт. Ин вазифа дар роҳи гузариши кишвар ба арзишҳои демократӣ ягона ва калидӣ гардида, барои ҳалли он азнавсозии марҳилавии сохтори ҷамъиятӣ, ҷаҳонбинии аҳолӣ ва ноил шудан ба фаъолнокии зарурии иҷтимоии занон, ҳамчун иштирокчиёни асосии раванди мазкур зарур буд. Алалхусус, ки инро равандҳои азнавсозии тафаккури иҷтимоии

[118] Политология: Учебник / Коллектив авторов: под ред. И.В. Буренко. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: КНОРУС, 2017. – С. 241.

ҷомеа, инчунин воқеиятҳои нави сиёсии ташаккулёбанда дар олами равандҳои сиёсӣ рӯйдиҳанда талаб менамуд.

Маҳз бо дарназардошти ин ҳолатҳо, роҳбарияти давлат, аз ҷумла Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастгирии ҳамаҷонибаи занон таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намуда, ба иштироки онҳо дар равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии дар ҷомеаи муосири тоҷик рӯйдиҳанда мусоидат менамояд. Маҳз чунин мавқеи ӯ имкон медиҳад ба таври назаррас шумораи занони аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва сиёсӣ фаъол дар кишвар зиёд карда шавад, сабаби инкишофи хусусиятҳои роҳбарӣ дар онҳо гардад ва ниҳодҳои роҳбарии занон таъсис дода шавад. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки насли нави занон-роҳбаронро аз ҳисоби насли наврас тарбия намоем, ва моҳиятан масъалаи аз рӯи интихоб ва ҷобаҷогузории онҳо ба вазифаҳои асосии роҳбарии кишвар дар сатҳҳои гуногун ҳал гардад. Ин тадбирҳо барои мустаҳкам кардани мавқеи занон дар ҷомеа, вусъат додани иштироки онҳо дар ҳаёти кишвар, дар қабули қарорҳои муҳими сиёсӣ ва давлатӣ, таҳкими ниҳодҳои оила ва ақди никоҳ, мубориза алайҳи кӯшишҳои ба қафо бозгаштани

рушди маънавӣ, фарҳангӣ ва зеҳнии занон мусоидат менамоянд.

Комилан равшан аст, ки равандҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон рӯйдиҳанда боислоҳоти ҳамаи институтҳои асосии иҷтимоӣ ва сиёсӣ муайян карда мешаванд. Татбиқи дуруст ва самарабахши лоиҳаҳои миллӣ ва тағйиротҳои бунёдӣ дар кишвари мо бе дарназардошти маҷмӯи омилҳое, ки ба соҳаҳои муносибатҳои сиёсию қудратӣ, аз ҷумла ҷузъи ҳукумати сиёсии гендерӣ таъсир қатӣ мерасонанд, имконнопазир аст.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти илмии гузаронидашуда ҷамъбаст гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои барои иштироки минбаъдаи занон-роҳбарон дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудаанд.

**Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Масъалаҳои ташаккули фаъолнокии сиёсии занон дар Тоҷикистони муосир тақозо менамояд, ки нақши онҳо дар оилаи анъанавии тоҷик ба инобат гирифта шавад. Кӯшиши ба равандҳои сиёсии мамлакат ҳарчи бештар ҷалб намудани занон ва аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфтани онҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ хеле аҳамиятнок мебошад [1-М].

Таҳлили адабиёти мавҷуда, ки дар онҳо баррасии ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои мавқеи занон дар ҷомеа ва нақши онҳо дар рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ дида мешаванд, нишон медиҳад, ки дар онҳо асосан самтҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии ин масъала



омӯхта шудаанд. Чунин ҳолат гувоҳи он аст, ки ҷалби занон барои ҳалли масъалаҳои сиёсии давлат ва таъмин намудани иштироки фаъоли онҳо дар равандҳои сиёсӣ аз мадди назари муҳаққиқон дур мондаанд [2-М].

Айни замон масъалаи баланд бардоштани дараҷаи фаъолнокии занон дар равандҳои сиёсӣ, таъмини иштироки онҳо дар раванди иҷтимоикунонии сиёсии занону духтарон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Ин масъала яке аз вазифаҳои муҳимми давлатҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад [3-М].

Ташаккул ва мустаҳкам намудани мавқеи сарварии занон дар Тоҷикистон заминаҳои хуби давлатию ҷамъиятӣ дорад. Дар амал татбиқ намудани барномаи давлатии дастгирии сарварии занон, таъмини онҳо бо ҳуқуқ ва имкониятҳо, пешниҳод гардидани кафолатҳои давлатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи занон, таъмини баробарии гендерӣ ва мусоидат ба касбомӯзии онҳо асосҳои давлатии ин равандро ташкил медиҳанд [4-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Занон-интихобкунандагон хоҳони бештар намудани занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда мебошанд, ҷонибдори онанд, ки дар рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ барои занон низ квотаҳо ҷудо карда шаванд, махсусан ба масъалаи таҳлили рӯйхати номзадҳои ҳизбӣ вобаста ба масъалаи мавқеи сиёсии занон хеле зиёд таваҷҷуҳ менамоянд.

2. Иштироки пурраи занон дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ тақозои фароҳам овардани имкониятҳои бештарро менамояд. Барои ин ҷалби занон ба корҳои ҷамъиятӣ ҳанӯз ҳам нокия аст. Ҳалли ин масъала талаб менамояд, ки занон ва мардони дар вазифаҳои баланди роҳбарикунанда қарордошта (вакилони парлумон, мансабдорони ҳокимияти давлатӣ) дорои иқтидори зиёд барои пешбурди сиёсати гендерӣ оид ба таъмини баробарии гендерӣ бошанд.

3. Ҷомеаи муосир ҳанӯз ҳам аз таъсири одатҳои пештараи гендерӣ озод нагардидааст ва чунин ҳолатро махсусан дар ҳаёти сиёсии ҷомеа эҳсос намудан мумкин аст. Аммо баръакси ин далелҳо дар мавриди он, ки сарварии сиёсӣ маҳдудиятҳои гендерӣ надорад, хеле зиёданд ва аз ин рӯ, занон низ ба мисли мардон аз уҳдаи иҷроиши нақши сарварии сиёсӣ мебароянд.

4. Имконпазир будани тағйироти мусбат дар соҳаи баробарии гендерӣ дар соҳаи сиёсат ва дар сатҳи қабули қарорҳои сиёсӣ аз қобилият ва омодагии ҳизбҳои сиёсӣ вобаста мебошад, яъне то кадом андоза онҳо омодаанд, ки баробарҳуқуқии занонро дастгирӣ намоянд, ба онҳо дар баробари мардон имконият диҳанд ва иштирокашонро дар ҳаёти ҳизбӣ таъмин намоянд. Барои расидан ба баробарии гендерӣ зарур аст, ки

талошҳои зиёд ба харҷ дод, то ки вобаста ба нақши занон дар ҷомеа одатҳои анъанавии гендерӣ дар шуури занон ва мардон тағйир дода шавад.

5. Натиҷаҳои таҳқиқот барои таъмини баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон, фаъол намудани иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ ва дар онҳо ташаккул додани хислатҳои сарварӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар раванди гузаронидани курсҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои сарварӣ, барои коркарди курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба таъмини иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ, дар навиштани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ низ метавонанд истифода бурда шаванд.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд:**

[1 -М] Хидирова Ш.Р. Участие женщин в политической жизни Республики Таджикистан // Известия Института философии политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ – 2015. - №4. – С. 48-52. ISSN 0235-005X

[2 -М] Хидирова Ш.Р. Историко-правовые основы участие женщин в политической жизни современного общества // Известия Института философии политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ. – 2016. - № 1. – С. 97-102. ISSN 0235-005X

[3 -М] Хидирова Ш.Р. Возрастные участия женщин в политических процессах Республики Таджикистан // Известия Института философии политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ. – 2016. - №4. - С.126-130. ISSN 0235-005X

[4 -М] Мухаммад А.Н., Хидирова Ш.Р. Перспективы активизации участия женщин-лидеров в политических процессах Республики Таджикистан // Известия Института философии политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ. – 2019. - №1. – С.45-50. ISSN 0235-005X

**Дигар нашриёҳо**

[5 -М] Хидирова Ш.Р. Пешвои миллат ҳидоятгари тарзи ҳаёти солими ҷавонон // Ҷавонон пайрави Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе, 2017. – С. 377-383.



**АННОТАТСИЯ**

**ба автореферати диссертатсияи Хидирова Шаҳноза Расулҷоновна дар мавзӯи «Иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ.**

**Калидвожаҳо: равандҳои сиёсӣ,** иштироки занон, ҳимояи манфиатҳо, занҳои фаъол, ҷомеаи демократӣ, ҳаёти сиёсӣ, феминизм, фаъолгардонии занҳо, сарварӣ.

Дар диссертатсия масъалаи иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, заминаҳои ҳуқуқию таърихи иштироки занон дар сиёсат ва ҳаёти сиёсии ҷаҳони муосир таҳлил гардидаанд. Инчунин дар таҳқиқот масъалаи ташаккули фаъолнокии сиёсии занон дар Тоҷикистони муосир, иштироки онҳо дар ҳаёти фарҳангию ҷамъиятии кишвар дар солҳои истиқлолият ва дурнамои фаъолгардонии иштироки занон-сарварон дар равандҳои сиёсии мамлакат низ таҳлил гардидаанд.

Таҳлили ҳамаҷонибаи иштироки занон дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон хамчун омили модернизатсияи системаи сиёсӣ ва мукаммалгардонии азнавсозиҳои демократии ҷомеаи Тоҷикистон мақсади таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Мушкилоти иштироки занон дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар давраи ҳозираи тараққиёти давлат воқеӣ ва ногузир аст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин маротиба дар илмҳои сиёсӣ ҷанбаҳои гуногун ва махсусиятҳои иштироки занон дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили мушаххас қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва пешниҳодҳое, ки дар он омадаанд, метавонанд дар раванди инкишофи таҳқиқотҳои гендерӣ дар Тоҷикистон, мукаммалгардонии низоми қонунбарории ин раванд, ва инчунин ҳамчун таҷрибаи мусбат дар ҳалли масъалаҳои гендерӣ, муносибатҳои байналмиллалӣ, хусусан ҷомеаи анъанавӣ метавонанд муфид бошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди бунёди ҷомеаи гендерӣ-баробарҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмин намудани иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ, ва ташаккули сифатҳои сарварӣ дар онҳо судманд бошанд. Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳамчун маводҳои лексионӣ дар курсҳои махсус оид ба масъалаҳои сарварӣ, семинарҳо оид ба масъалаҳои иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ, инчунин ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва маводҳои методӣ истифода шаванд.

## АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Хидировой Шахнозы Расулджоновной на тему: «Участие женщин в политических процессах в Республике Таджикистан» на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 – политические институты, процессы и технологии.**

**Ключевые слова:** политические процессы, участие женщин, защита интересов, женщины-активисты, демократическое общество, политическая жизнь, феминизм, активизация женщин, лидерство.

В диссертации рассматривается проблема участия женщин в политической сфере жизни общества как социокультурный феномен и подвергаются анализу историко-правовые предпосылки участия женщин в политической жизни современного мира. Также анализируется проблема формирования политической активности женщин в современном Таджикистане, участие женщин в общественной и культурной жизни республики в годы независимости и фиксации перспектив активизации участия женщин-лидеров в политических процессах, происходящих в стране.

Комплексный анализ проблемы участия женщин в политические процессы Республики Таджикистан, как фактора модернизации политической системы и дальнейшего развития демократических преобразований в таджикистанском обществе является целью данного исследования.

Проблема участия женщин в политические процессы, происходящие в Республике Таджикистан, построении демократического и правового государства на современном этапе его развития становится очевидным фактом. В диссертации впервые в политической науке подвергаются комплексному анализу различные аспекты и особенности участия женщин в политических процессах в Таджикистане.

Сделанные выводы и предложения в работе могут быть полезны в процессе развития гендерных исследований в Таджикистане, усовершенствования законодательной базы данного процесса и как положительный опыт в решении гендерных проблем в практике международных отношений, в частности, традиционных обществ.

Результаты исследования могут быть использованы на практике создания гендерно-равноправного общества в Таджикистане, включения женщин в политических процессах и формирования у них качеств политического лидера. Основные положения диссертации могут быть применены при чтении лекции и спецкурсов по вопросам лидерства, при разработке спецкурсов и семинаров по проблемам включения женщин в политические процессы, написании учебных и методических пособий.



## ABSTRACT

**of dissertation's abstract of Khidirova Shahnoza Rasuldjonovna on the topic titled "Women's participation in political processes in the Republic of Tajikistan" for the degree of candidate of political sciences in specialty 23.00.02 – political institutions, processes and technologies.**

**Keywords:** political processes, women's participation, protection of interests, women-activists, democratic society, political life, feminism, activization of women, leadership.

The dissertation examines the problem of women's participation in the political sphere of society as a sociocultural phenomenon and analyzes the historical and legal preconditions for women's participation in the political life of the modern world. It also analyzes the problem of the formation of political activity of women in modern Tajikistan, the participation of women in the social and cultural life of the republic in the years of independence and fixing the prospects for enhancing the participation of women leaders in political processes in the country.

A comprehensive analysis of the problem of women's participation in the political processes of the Republic of Tajikistan as a factor in the modernization of the political system and the further development of democratic transformations in Tajik society is the purpose of this study.

The problem of women's participation in the political processes taking place in the Republic of Tajikistan, the construction of a democratic and legal state at the present stage of its development becomes an obvious fact. In the dissertation, for the first time in political science, various aspects and features of women's participation in political processes in Tajikistan are subjected to a comprehensive analysis.

The conclusions and proposals of this work could be useful in the process of developing gender studies in Tajikistan, improving the legislative base of this process and as a positive experience in solving gender problems in the practice of international relations, in particular, traditional societies.

The results of the research could be used in the practice of creating a gender-equal society in Tajikistan, including women in political processes, and developing qualities of a political leader. The main provisions of the dissertation thesis can be applied when lecturing and developing special courses on leadership, development of special courses and seminars on the problems of including women in political processes, writing training materials, handbooks and toolkits.